# ХУЛОСАИ

**комиссияи ташхисии Шурои диссертатсионии 6D КОА-044 дар назди «Донишгоҳи давлатии омӯзгори Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ» оид ба диссертатсияи Уроқов Мирзомурод Давлатмуродович дар мавзӯи «Асосҳои методии ҳамбастагии методҳои таълим ва тарбия дар иҷрои вазифаҳои таълими фанни химия (аз рӯйи маводи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз руйи ихтисоси 13.00.02-Назария ва методикаи таълим ва тарбия (химия) пешниҳод гардидааст.**

Бо қарори комиссияи ташхисии Шурои диссертатсионии 6D КОА-044 дар назди Донишгоҳи давлатии омӯзгори Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ мувофиқи талаботи банди 4-уми Низомномаи намунавӣ оид ба Шурои диссертатсионӣ (қарори Ҳукумати ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.01.2016 тахти №90109) комиссияи ташхисӣ дар ҳайатизерин: раис доктори илмҳои химия, Раҷабов С.И. ва аъзоёни комиссия, доктори илмҳои биология, профессор СаттоadmоровТ. Ғайратзода М. аъзои комиссия тасдқ гардид.

Комиссия дар асоси шинос шудан бо рисолаи Уроқов Мирзомурод Давлатмуродович дар мавзӯи «Асосҳои методии ҳамбастагии методҳои таълим ва тарбия дар иҷрои вазифаҳои таълими фанни химия (аз рӯйи маводи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз руйи ихтисоси 13.00.02-Назария ва методикаи таълим ва тарбия (химия) кори илмӣ-тадкиқотии анҷомёфта мансуб меёбад. Таҳқиқи анҷомдодаи унвонҷӯ аз ҷиҳати илмӣ арзишманд буда, асосҳои методии ҳамбастагии методҳои таълим ва тарбия дар иҷрои вазифаҳои таълими фанни химия (аз рӯйи маводи муассисаҳои таҳсилоти миѐнаи умумӣ)»-ро мавриди таҳлилу таҳқиқ ва баррасӣ қарор додааст.

Маориф дар Тоҷикистон яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад. Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон низомномаҳои ҳамаи намудҳои мактабҳои таҳсилоти умумиро вобаста ба талаботи замони нав таҳқиқи назар намуд. Ҳамаи ин хуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқӣ заминаӣ боэътимоди амалӣ сохтаниислоҳоти куллии соҳаи маориф ва таъмини пешрафти соҳа дар давраи гузариш гаштанд ва барои такмилу таҳкими соҳаи маориф шароиту имконият фароҳам оварданд. Тахия намудани стандартҳо ва барномаҳои таълимии нав низ ба баланд бардоштани сатҳ ва сифати маълумоти миёна таъсири мусбат мерасонад.

**Навгонии илмии таҳқиқот аз он иборат аст:**

-мазмуни мафҳуми «анъанавӣ» ва «ғайрианъанавӣ»-и методҳои таълим ва тарбия дида баромада ва аниқ карда шуд;

-имконияти дар дарсҳои химия истифода бурдани методҳои тарбия ва истифода кардани методҳои таълими фанни химия дар раванди тарбия, муайян карда шуд;

-сатҳи мутобиқшавӣ ба шароити мушаххаси раванди таълими химия, дар ҳамбастагӣ истифода намудани методҳои таълим ва тарбияи анъанавӣ ва ғайрианъанави дарёфт карда шуд.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот** дар ҳамбастагӣ истифода намудани методҳои таълиму тарбияи анъанавӣ ва ғайрианъанавӣ ҳангоми омӯзиши фанни химия, ки ба ҳалли масъалаҳои рушди хонандагон таваҷҷуҳ доранд кор карда шуд.исбот гардид, ки дар ҳамбастагӣ истифода намудани методҳои таълиму тарбияи анъанавӣ ва ғайрианъанавӣ дар дарсҳои химия, зарурати баҳисобгирии нуқтаи назари субъективии омӯзгорони фанни химия ҳангоми интихоби методҳо пеш меояд.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот** дар муайян ва санҷидани системаи ҳамбастагии методҳои таълим ва тарбияи анъанавӣ ва ғайрианъанавӣ, ки ба амалӣ намудани вазифаҳои таълиму тарбия дар раванди омӯзиши фанни химия равона карда шудаанд. Дар интихоби методҳои анъанавӣ ва ғайрианъанавӣ таълим ва тарбияи муътадил барои ташкили раванди омӯзиши фанни химия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ пешниҳод гардонидаанд.

**Интишори натиҷаҳои таҳқиқот** масъалаҳои марбут ба мавзӯи таҳқиқи диссертатсионӣ аз ҷониби диссертант дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Нуктаҳои асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқ дар 8 мақола, аз ҷумла 5 мақолаи дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ гардида, инъикос ёфтаанд.

Ба фикри муаллиф, дар олами муосири тезтағирёбандаи инсоният бояд ташаббускору навовар, эҷодкор бошанд ва мураккабиҳои олами атрофро таҳлилу арзёбӣ намуда, замони нав боисрор масъалаи тағйир додани муносибат ба таълимро тақозо мекунад. Бо мақсади иҷрои вазифаҳои дар боло зикршуда Вазорати маориф ва илм ба ҷорӣ намудани низоми нави таҳсилот, яъне таълими босалохият шуруъ намуд, ки он бояд ба рақобатпазирии хонандагон ҳангоми истифодаи амалии дониш, маҳорат ва малака мусоидат кунад.

Ҳангоми ба роҳ мондани методҳои таълим ва тарбияи анъанави ва ғайрианъанавӣ дар натиҷаи истифодаи дониши хонандагон ба тарзи ҳамгироӣ дар ҳаёт вусъат меёбад ва барои такмил ёфтани сифати таълим мусоидат менамояд.

Дар низоми нави таҳсилот омӯзгорон ба бехтар намудани натиҷаҳои таҳсил маълумот оид ба шаклҳои таълим ва муносибати методҳои анъанави ва ғайриананавӣ дар иҷрои масъалаҳои химиявӣ, методикаи ташаккули салоҳияти хонандагон дар ҳалли масъалаҳои химиявӣ озмоиши педагоги бештар таъсирпазиранд. Нуктаҳои зикршуда бештар ба омӯзгорони фанни химия дахл дорад, зеро бамаврид қайд кардааст, ки ҳангоми ба хонандагон ёд додани иҷро намудани масъалаҳои химиявӣ худи ҳал мақсади асосӣ нест, он танҳо метод ба ҳисоб меравад, ки ба фаҳмиш ва азхудкунии чукури мафҳумҳои химиявӣ, ба инкишофи тафаккури хонандагон мусоидат менамояд.

Методи ҳавасманд кардан бисёр вақт дар дарсҳои химия барои иҷрои вазифаҳои таълимӣ истифода мешавад. Лекин омӯзгор на ҳама вақт имконияти дидактикии ин методро дорад ва онҳоро истифода мебарад. Ҳавасманд кардан, ҳамчун қоида дар якҷоягӣ бо дигар метод, ҷазо додан (инро мо ғайрианъанавӣ қайд кардем) истифода менамояд. ҳавасмандӣ ҳисси қаноатмандӣ, боварӣ ба қувваи худ ва бо баҳои мусбӣ хонандаро ҳавасманд карда, рафтори онро хуб намуда, ваҷҳҳои омӯзишро ба фанни мазкур зиёд менамояд.

Аз руи нуктаи назари Уроқов М.Д. бармеояд, ки қобилияти идоракунии фаъолият, маърифатӣ, эҷодии насли наврас то як дараҷа ба барқарор намудан ва мавҷудияти мустаҳками системаи тарбия, ҷанбаҳои ахлоқӣ, ки такягоҳи арзишҳои ҳаётӣ, шаҳрвандӣ ва ватандӯстӣ дар методҳои таълим ва тарбияи хонандагонро бо назардошти муносибати босалоҳият ташаккул додан лозим аст, агар аз тарафи омӯзгори дарсдиҳанда диққати ҷиддӣ нисбат ба раванди дарс дода шавад.

Ҳангоми омӯзиши химия проблемаи фаъолгардонии тарбия ҳамчун ҷузъи системаи таълиму тарбия бо шарофати хусусияти хоси донишҳои химиявӣ, ки ҳолати воқеии илмӣ - табиии оламро ташаккул медиҳад, рушд меёбад.

Инчунин методҳо, воситаҳо ва тарзҳои зерини рушддиҳандаи таълим, истифодаи усулҳои интерактивӣ ва муосир аз руи раҳнамо барои омӯзгор ва замима ба китобҳои дарсӣ инъикос кунанд. Танҳо дар чунин ҳолат имкони бо усулу воситаҳои нав ва зарурӣ ғанӣ гардонидан пайдо шуданаш мумкин аст, зеро ки дар зимни он муносибатҳои муосир ба ташкил намудани фаъолияти хонандагон амалӣ гардонида мешавад.

Моҳият ва шакли пайдошавии методҳо аз сатҳи илм ва имконияти синнусолии кӯдакон вобаста аст. Вазифаи методикаи таълими химия дар даврони навин аз он иборат аст, ки дар доираи нақшаи таълимии базавӣ дар асоси талаботи ҷамъият ба таълим ва тарбияи хонандагон мероси таърихии методҳоро таҳлил карда, ба таври дар системаи нави амалкунанда методҳои навовариро, ки муваффақиятнокии раванди таълиму тарбияро таъмин менамоянд, дохил намояд.

Таҳлили кори муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ пуршиддат шудани мушкилот пастшавии сатҳи таълимгирӣ ва тарбияи хонандагонро тасдиқ менамоянд. Омӯзгорон на ҳама вақт мазмуни донишҳои илмиро барои тарбия истифода мебаранд, дар интихоби методҳои муътадили таълим ва тарбия барои ин мақсадҳо мушкилӣ кашида, ба усулҳои анъанавии пешин, ки ба тараққиёти рӯзафзуни кунунӣ қариб мувофиқат намекунад бартарӣ медиҳанд. Раванди таълиму тарбия, ки ба ягонагии таълим ва тарбия тавсия медиҳад, торафт камтар натиҷаҳои мусбӣ дода истодааст. Зарурати ҷустуҷӯи роҳҳои фаъоли баромадан аз вазъияти баамаломада пайдо шудааст. Ба сифати яке аз ин роҳҳо дида баромадани муносибат ба методҳои таълим ва тарбия метавонад хизмат намояд.

Ҳадафи асосии таҳқиқот ин муайян кардани намудҳои салоҳиятҳои калидии хонандаҳо дар машғулиятҳои химия ба воситаҳои методҳои таълими ва тарбияи анъанавӣ ва ғайрианъанавӣ дар дарси химиявӣ, муайян кардани намудҳои ҳамбастагии методҳои таълим ва тарбияи хонандагон дар машғулиятҳои химия ба воситаҳои иҷрои вазифаҳои химиявӣ, ошкор сохтани дараҷаи иқтидори эҷодӣ, коркард намудани таснифи буда, инчунин дарёфти роҳ ва методҳо барои гузаронидани озмоиш бо роҳи амалигардонии методҳои таълим ва тарбияи анъанави ва ғайрианъанавӣ дар раванди таълими химия буда, он вазифаҳое, ки дар пеш гузошта шуда буд, ба мақсад расид. Уроқов М.Д. ҳангоми мавриди таҳлил қарор додани сарчашмаҳои илмӣ, адабиёт ва рисолаҳои дифоъшуда ба чунин хулоса омадааст, ки дар мамлакати мо то ҳол таҳқиқоти алоҳидае оид ба муаммои мавриди назар гузаронида нашудааст. Аз ин лиҳоз, ба хулосае омадан мумкин аст, ки мавзӯи таҳқиқгардида яке аз масъалаҳои зарурӣ дар илми педагогика ба ҳисоб рафта, натиҷаҳои таҳкики илмӣ баҳри иҷрои муаммоҳои мавҷуда оид ба ташаккули қобилияти эҷодии иҷро намудани масъалаҳои химиявӣ аз тарафи хонандагон бо назардошти муносибати босалоҳият бозёфтҳои нави илмиро соҳиб мешавад, ки барои ғанӣ гардонидани назария ва ҳам амалияи илми педагогика мусоидат менамояд.

Дар диссертатсия он нуктаҳои илмие, ки пешниҳод шудааст дар замони муосир навгонии илмӣ маҳсуб ёфта, чунин инъикос ёфтааст: бори нахуст раванди таълиму тарбия ҳамон вақт муътадил ташкил карда мешавад, ки хонандаро тарбия мекунанд, балки барои тарбия ёфтани он шароит муҳайё сохта мешавад, намеомӯзонанд, балки чунин шароит муҳайё месозанд, ки ӯ хонад, аз ин ҷо ташкили чунин шароит дар таълими химия бо проблемаи интихоб ва ҳамбастагии методҳои таълим ва тарбия зич алоқаманд мебошад. Таҷриба нишон медиҳад, ки омӯзгор мақсади дарс, восита давраҳои дарс, мазмунро рӯйнавис мекунад.

Албатта, омӯзгорони таҷрибанок методҳои тарбияро дар дарсҳо истифода мебаранд, вале ҷиҳатҳои хоси тарбиявии онҳоро, ба хонандагон ба таври даркорӣ намекушоянд. Босалоҳият, дар ҳамбастагӣ истифода кардани имкониятҳои методҳои тарбия дар раванди таълими химия, яке аз омилҳо баланд гаштани таълими химия ва сифати дониши хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мебошад.

Барои соҳиб шудан ба ҳадафи ниҳоии таққиқот Уроқов М.Д. марҳилаҳои зарурии таққиқотро омухта, дар мантиқ, мундариҷаи сохтори диссертатсия инъикос гардидааст. Яке аз ҷиҳати хуб дар таққиқот дар он мебошад, ки аз тарафи Уроқов М.Д. маҷмуи озмоишҳои ташаккули салоҳияти хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути иҷро кардани масъалаҳои химиявӣ коркард ва ҳам муқаррар карда шудааст.

**Интишори натиҷаҳои таҳқиқот** масъалаҳои марбут ба мавзӯи таҳқиқи диссертатсионӣ аз ҷониби диссертант дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Нуктаҳои асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқ дар 8 мақола, аз ҷумла 5 мақолаи дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ гардида, инъикос ёфтаанд.

Диссертатсия бо талаботи банди 44-и Низомномаи намунавӣ оид ба Шурои диссертатсионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016 тадти №505 ба тасдиқ расидааст, комилан мувофиқ мебошад. Он фарогири масъалаҳоест, ки барои рушди илми педагогика муҳим арзёбӣ мегарданд.

Аз тарафи Уроқов М.Д таҳқиқоти диссертатсионӣ дар сатҳ ва савияи зарурӣ таълиф гардида, мустақилияти муаллиф эҳсос карда мешавад. Натаҷаи ниҳои ва нуқтаҳои навини илмии барои ҳимоя пешкашгардида саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳад. Аз тарафи рисоланавис автореферат дар мутобиқат бо мундариҷаи таҳқиқот таҳия шуда, муҳтавои асосии рисоларо дарбар мегирад.

Банди 55-и Низомномаи намунавӣ оид ба Шурой диссертатсиониро, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, тахти №505 тасдиқ гардидааст, ба назари эътибор гирифта, комиссиям ташхисӣ пешниҳод менамояд:

1.Диссертатсияи Уроқов Мирзомурод Давлатмуродович дар мавзуи «Асосҳои методии ҳамбастагии методҳои таълим ва тарбия дар иҷрои вазифаҳои таълими фанни химия» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагоги аз руйи ихтисоси 13.00.02-Назария ва методикаи таълим ва тарбия (химия) ба Шурои диссертатсионии 6D КОА-044 дар назди МДТ «Донишгоҳи давлатии омӯзгори Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ» барои ҳимоя қабул карда шавад;

2. Ба ҳайси муқарризони расмӣ аз руйи диссертатсияи мазкур шахсони зерин тавсия карда мешаванд:

1) Алимов Сироҷиддин-номзади илмҳои педагога аз руи ихтисоси 13.00. 01. (педагогика), дотсентӣ кафедраи методикаи таълими химия.

2) Раҷабов Умаралӣ - доктори илмҳои химия аз рӯи ихтисоси 02.00.04- Химияи физикӣ, мудири кафедраи химияи фармасевтӣ ва захршиносии Муассисаи давлатии таълимии ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино.

3. Ба ҳайси муассисаи пешбар МДТ Донишгохи давлатии Хуҷанд ба номи Бобоҷон Ғафуров тавсия карда шавад.

4. Барои нашри эълон оид ба ҳимоя ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо хуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

Раиси комиссия:
доктори илмҳои химия, и.в., профессор,
аъзои Шурой диссертатсионӣ — Раҷабов С.И.

Аъзоёни комиссия:
доктори илмҳои биологӣ, профессори
кафедраи зоологияи ДДОТ ба номи
С. Айнӣ аъзои Шурой диссертатсиони — Сатторов Т

номзади илмҳои биологӣ, дотсент,
мудири кафедраи биохимия ва генетикаи ДДОТ
ба номи С. Айнӣ аъзои Шурой диссертатсиони — Ғайратзода М

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС